**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз руйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ**

Адабиёт як ҷузъи ҷудонашавандаи осори фарҳангии мардумони тоҷик ва англис маҳсуб ёфта, реша дар қаъри таърихи ин ду халқи соҳибтамаддун дорад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқ, баррасӣ ва муқоиса намудани паҳлӯҳои гуногуни номакшуфи истилоҳоти адабиётшиносӣ ҳамчун мероси гузаштагон барои такомули ин соҳаҳои қишри ҷомеа мусоид хоҳад буд. Пажӯҳишу таҳқиқотҳои солҳои охир аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар забоншиносии муқоисавӣ таваҷҷӯҳ ба муқоисаи истилоҳоти соҳаҳои мухталифи ҷомеа тамоюли рушд дорад ва дар ин росто истилоҳоти адабиётшиносӣ дар канор нестанд.

Таҳқиқоти диссертатсионие, ки Ҷӯраев Хайём Акрамович оид ба таҳлили сохторӣ-маъноии истилохоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба анҷом расонидааст, барои мукаммалтар гардидани қолабҳои маъмули истилоҳсозии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кумак менамояд.

Маводи диссертатсияро рисолаҳои адабиётшиносӣ ва осори илмию адабии донишмандон ва мутафаккирон тоҷику форс ва англис ва ҳамчунин вожаномаву фарҳангномаҳои то ин замон таълифёфта ташкил медиҳад, ки бевосита ба риштаи адабиёт, адабиётшиносӣ ва назарияи адабиёт марбутанд, созмон додааст.

Диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович аз мукаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки **«Асосҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забоншиносӣ»** ном дорад, масъалаҳои назарии истилоҳшиносӣ, тавофути истилоҳ аз вожа, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикиву англисӣ таҳқиқу баррасии илмӣ шудаанд. Боби мазкур аз чор зербоб иборат буда, масъалаҳои дар он ҷойдошта хеле дақиқу мушаххас таҳқиқ ёфтаанд. Муаллифи рисола дар ин боб моро ба аввалин осори донишмандон ва адабиётшиносони форсу тоҷик ва англис ошно месозад, ки маҳз истилоҳоти адабиётшиносӣ дар нигоштаҳои эшон ба таври фаровон ба кор рафтаанд.

Боби дуюми рисола – **«Таснифот ва таҳлили сохтории истилоҳоти**

**адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвонгузорӣ шуда, аз нуҳ зербоб иборат аст. Дар зербобҳои он ҳар як истилоҳоти адабиётшиносӣ вобаста ба мансубияташон ба образи бадеӣ, композитсия ва сюжети асари бадеӣ, забони адабиёти бадеӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, санъатҳои бадеӣ ва ё санъатҳои шеърию насрӣ, шеър, вазн ва сохти шеър, ҷинс, намуд, жанр ва шакли асарҳои бадеӣ, равия ва ҷараёнҳои адабӣ аз нигоҳи сохтор мавриди таҳқиқ ва баррасии амиқ қарор мегирад. Илова бар ин, истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои фавқ дар қолабҳои маъмули вожасози таҳлил гардидаанд. Ба андешаи муаллифи рисола усули маъмули вожасозии сарфӣ ва сарфию наҳвӣ дар созмони истилоҳоти забонҳои фавқуззикр нақши бориз дорад.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳлили луғавӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, он аз шаш зербоб иборат аст. Дар боби мазкур ба падидаҳои сермаъноӣ, ҳамгунагӣ, тазодӣ ва муродифи дучор омадани истилоҳоти адабиётшиносӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Илова бар ин, мансубияти ҳар як истилоҳи адабиётшиносӣ ба ин ё он ҳиссаи нутқ, иқтибосшавии истилоҳоти адабиётшиносӣ барин масъалаҳо низ мавриди таҳлили илмӣ мегарданд.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои илмиву далеҳо ҷамъбаст шудааст.

Фишурдаи диссертатсия дар асоси талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Забони фишурдаи мазкур фасеҳу равон ва илмӣ буда, натиҷаи таҳқиқоти чандинсолаи муаллифро инъикос мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар фишурдаи диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ба монанди:

1. Дар зербоби панҷуми боби сеюми диссертатсия «Истилоҳоти иқтибосии адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» муаллифи рисола нақши иқтибосшавии истилоҳоти адабиётшиносии баъзе забонҳоро (италявӣ, юнонӣ, олмонӣ, ҳиндӣ)-ро ба таркиби луғавии забони англисӣ нодида мегирад. Агар истилоҳоти аз забонҳои фавқ иқтибосшударо мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медод, хеле хуб мешуд.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ (саҳ. 17, 21) ба чашм мерасад.

Албатта, ғалатҳои зикршуда ба моҳияти илмии диссертатсия таъсири манфӣ нахоҳад расонид, зеро ҳамаи онҳо зудислоҳшаванда ҳастанд.

Дар асоси баррасиҳои боло метавон хулоса намуд, ки

дисертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти ба анҷомрасида мебошад ва фишурдаи он муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Таълифоти муаллифи рисола ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу аст.

Муаллифи диссертатсия – Ҷӯраев Хайём Акрамович бо ҳимояи таҳқиқоти мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ арзанда мебошад.

Директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии
давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Мухторов Зайнидин Мухторович

Сана: 20.05.2019 с.
734025, ш.Душанбе, куч. Саид Носир 33
Тел/факс (992 37) 228-91-51
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822
Имзои З.М. Мухторовро
«тасдиқ мекунам»

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси идоракунии
давлатӣ ва хизмати давлатии
Донишкадаи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримов И.

ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС